## ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ**

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Мирзозода Шаҳриёр Мунавар муайянкунандаи хусусиятҳои умумӣ ва мушаххаси асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқи шахс ба меҳнат, таносуби байни мафҳумҳои «ҳуқуқ ба меҳнат» ва «озодии меҳнат», танзими ҳуқуқии он дар қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилалӣ, робитаи мутақобилаи ҳуқуқ ба меҳнат бо дигар ҳуқуқҳои инсон ва муқаррар намудани мавқеи он дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва омӯзиши механизми амалишавии ҳуқуқи конститутсионӣ шахс ба меҳнат, бо муқаррар намудани кафолатҳо, маҳдудиятҳо, унсурҳои ҳифз ва ҳимояи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи конститутсиониро ташкил медиҳад. Мубрам будани мавзуи пажуҳиш чунин асоснок карда шудааст, ки дар низоми ҳуқуқҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии инсон ҳуқуқ ба меҳнат мавқеи хосаеро ишғол мекунад, ки ҳуқуқи ҳар як шахсро ба имконияти ба даст овардани даромад бо меҳнате, ки худаш озодона интихоб мекунад ва ё озод ба он розигӣ медиҳад, дар бар мегирад. Ин ҳуқуқ эҳтиёҷоти доимии инсонро ифода мекунад, ки барои фароҳам овардани заминаҳои одӣ ва моддии мавҷудияти инсон, инчунин таъмини шароити инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият зарур аст. Ҳуқуқи мазкур асосҳои бунёдии худро дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарёфта, дар он як қатор принсипҳо ва меъёрҳои байналмилалӣ дар соҳаи таъмини ҳуқуқ ба меҳнат таҳкими худро ёфтаанд.

Масъалаҳои танзим ва татбиқи ҳуқуқ ба меҳнат яке аз мушкилотҳои мубрами ҳуқуқи конститутсионӣ, дар аксари давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба ҳисоб меравад. Фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳалли масъалаҳои таъмини шуғли аҳолӣ, фароҳам овардани фазои самараноки сармоягузорӣ ва ба ин васила баланд бардоштани некӯаҳволии мардум нигаронида шудааст. Дар ин самт мавқеи хосаро фаъолияти илмӣ ишғол менамояд, ки дар доираи он таҳқиқотҳои гуногуни илмӣ гузаронида шуда, барои беҳтар намудани раванди танзим ва амалӣ гардондани ҳуқуқ ба меҳнат пешниҳодҳои зарурӣ пешниҳод шудааст.

Мутаассифона дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ба таври кофӣ ба масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ ва амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат ба таври зарурӣ эътибор дода нашудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот бо омӯзиши ҳамаҷонибаи моҳият ва мазмуни ҳуқуқи конститутсиони шахс ба меҳнат дар шароити муосири иқтисодиёти бозоргонӣ, таҳкими меъёрҳои асосии байналмилалӣ дар соҳаи таъмини ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Конститутсия ва қонунгузории кишвар, муайян намудани мавқеи ин ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқҳои инсон, кафолатҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ, маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ ва шаклҳои ҳифзу ҳимоя ҳамчун унсурҳои амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиф мешавад.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки хулосаҳои дар рафти таҳқиқот бадастомада маводи консептуалиеро, ки танзим ва татбиқи ҳуқуқи меҳнатро ҳамроҳӣ мекунанд, рушд ва мукаммал мегардонанд, ҷанбаҳои муҳими танзими қонунгузории ин ҳуқуқро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равшан мекунанд ва аз нав дида мебароянд. Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки хулосаҳои дар рафти таҳқиқот бадастомада ва пешниҳодҳои амалие, ки дар асоси онҳо оид ба татбиқи фаъолияти қонунгузорӣ таҳия шудаанд, ба тасдиқи равиши аз ҷиҳати илмӣ асоснок ҳангоми таҳияи заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи ҳуқуқ ба меҳнат дар Тоҷикистон мусоидат хоҳанд кард.

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, муқаррароти асосии ҳимояшаванда ва тавсияҳои амалӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона ба даст оварда шудаанд ва навгонии илмӣ, ки дар ҳалли масъалаҳои мубрами марбут ба мафҳумҳо ва мазмуни махсуси ҳуқуқ ба меҳнат ва роҳҳои татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ифода меёбад.

Ҳамчунин, аз таҳлил ва баррасии диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар чунин хулоса намудан мумкин аст, ки он ҳамаҷонибаи моҳият ва мазмуни ҳуқуқи конститутсиони шахс ба меҳнат дар шароити муосири иқтисодиёти бозоргонӣ, таҳкими меъёрҳои асосии байналмилалӣ дар соҳаи таъмини ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Конститутсия ва қонунгузории кишвар, муайян намудани мавқеи ин ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқҳои инсон, кафолатҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ, маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ ва шаклҳои ҳифзу ҳимоя ҳамчун унсурҳои амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад.

2. Диссертатсия таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуқтаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда, метавонанд дар назария, такмили қонунгузорӣ, бартараф намудани мушкилоти таҷрибаи

мақомоти ваколатдори давлатӣ ва судӣ дар ин самт ва раванди таълим ба таври фаррох истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Бинобар ин, қайд намудан имконпазир аст, ки диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мувофиқ буда, ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019, ки мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи қабули диссертатсияҳоро барои ҳимоя дорад, пешниҳод шудааст.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 13 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Мирзозода Шаҳриёр Мунавар истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровардa шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар маълумоти ғайрисаҳеҳ дида намешавад.

Банди 61-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

**Зоир Ҷурахон Маҷидзода** –сарходими илмии Шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М.

Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,;

**Каримзода Умар Карим** – сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-хуқуқии факултети №2-и Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия – Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон» (ш. Душанбе), таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Ализода З.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Алимов С.Ю.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Мирзамонзода Х.М.

26.01.2024